ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи «Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ. - шаҳри Бохтар, соли 2026

Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., ба соҳаи кишоварзӣ, ба шаҳодатномаи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқ буда, ба самти афзалиятноки соҳаи аграрии мамлакат - таъмини амнияти ғизоии кишвар, аз он ҷумла барои истеҳсоли равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза равона гардидааст. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини ихтисоси мазкур мутобиқат менамояд:

- *банди 2.* Коркарди принсипҳои илмӣ ва усулҳои агротехникии танзими равандҳои хок, реҷаҳои обёрӣ, ҳаво ва ғизодиҳӣ; хусусиятҳои агрономӣ ва мувозинати қабати ҳосилнокии хок. Истифодаи амалии биологии баланд бардоштани ҳосилнокии замин ва маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ;

- *банди 5.* Самаранокии коркарди хок, вобаста ба дараҷаи ҳосилнокии омилҳои агрометеорологӣ, вижагиҳои биологии зироатҳои киштгардоншаванда. Нишондиҳандаҳои муносиби хусусиятҳои асосии агрофизикии хок ва роҳҳои такмили усулҳо ва низомҳои коркарди хок;

- *банди 6.* Роҳҳои танзими қабатҳои ҳосилхезии заминҳои корам ва ғизогирандаи реша, бо истифодаи равишҳои таъсироти механикӣ ва химиявӣ ба хок;

- *банди 11.* Тарзҳои киштукори зироатҳои кишоварзӣ ва равишҳои коркарди хок баъди кишт вобаста ба вижагиҳои минтақа, дараҷаи ҳосилнокӣ ва зироаткории муассир;

- *банди 18.* Растанипарвариии мутобиқшаванда дар шароити ҷумҳурӣ;

- *банди 23.* Равишҳои баланд бардоштани сифати маҳсулоти растанипарварӣ. Коркарди агротехникаи парвариши навъи зироатҳои саҳрой.

Мубрамии мавзуи тадқиқ. Истифода бурдани заминҳои корами лалмии кишвар, манбаи асосии истеҳсоли маҳсулотҳои ғизой ба шумор меравад. Парвариш ва истеҳсоли зағири равғандиҳандаи намуди

сершохи кӯтоҳнах (кудряш) аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза ва чорворо бо маводҳои ғизой, аз он ҷумла кунҷораи серғизо таъмин менамояд ва ҳамчун пешинакишт аҳаммияти агротехникӣ дорад. Дар шароити зуд тағйирёбии иқлим мушоҳида мегардад, ки аксарияти зироатҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла зағири равғандиҳанда аз сабаби баланд шудани ҳарорати ҳаво, ё ба сардиҳои зиёд тоб наоварда ба гирифтани ҳосили паст оварда мерасонад.

Тадқиқотҳои муассисаҳои илмӣ ва таҷрибаҳои пешқадами ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки аз истифодабарии технологияҳои инноватсионии парвариш, махсусан тухмии навъҳои серҳосил ва меъёрҳои мусоиди нуриҳои маъданӣ ҳосилнокии зироатҳо аз 30 то 40 фоиз меафзояд.

Дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ таҷрибаҳои илмӣ оид ба меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ барои навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи зағир, махсусан дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор омӯхта нашудааст. Бинобар ҳамин, дар шароити тағйирёбии иқлим тадқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., меъёри мусоиди нуриҳои маъданӣ дар асоси ташхиси хоку растанӣ ва бо дарназардошти ҳосили ба нақшагирифташуда, барои зағири навъҳои маҳаллӣ муайян карда шуд. Инчунин, бори нахуст таъсири меъёри гуногунии истифодаи нуриҳои маъданӣ ба нишондодҳои биометрӣ, сохтори таркибӣ ва сифати маҳсулоти зағири навъҳои маҳаллӣ исбот карда шуд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда чунинанд:

1. Муайян карда шуд, ки хусусиятҳои рушду нумуъ ва маҳсулнокии навъҳои зағири равғандиҳанда вобаста аз истифодабарии нуриҳои маъданӣ гирифтани ҳосили устуворро таъмин менамояд.

2. Муқаррар карда шуд, ки таъсири меъёри муътадили нуриҳои маъданӣ ба ҳосилнокии тухмии навъҳои маҳаллии зағири равғандиҳанда таъсири мусбат мерасонад.

3. Таҳлили самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои маҳаллии зағири равғандиҳанда дар заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор илман асоснок карда шуд.

Асосноки ва эътимодноки хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Натиҷаи корҳои илмӣ – тадқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., тавассути гузоштани таҷрибаҳои саҳрой, дастрасии маълумотҳои илмӣ, таҳияи ҳисоботҳои даврӣ, нашри маводҳои интишорӣ, тадқиқи меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ ба даст оварда шудааст. Тадқиқот бо "Методикаи таҷрибаҳои саҳрой" Б.А. Доспехов иҷро шудааст.

Дар заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини водии Ҳисор аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ барои зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 10" ва "Ҳисор – 474" истифодабарии 60 кг моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, 60 кг фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирнок муайян карда шудааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 147 саҳифа таҳия гардида, аз 5 боб, муқаддима, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои тадқиқот, самараи иқтисодӣ, хулосаю пешниҳодҳо ба истеҳсолот, 32 ҷадвал, 11 расм иборат буда, рӯйхати адабиёт 149 номгуй, аз ҷумла 15 муаллифони хориҷиро дар бар гирифта, дар он замимаҳо дарҷ гардидааст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Боби 1 - уми диссертатсия, ки дар 3 зербоб ифода ёфтааст, унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., дар он мухтасар шарҳи адабиёт дар бораи пайдоиш ва аҳаммияти зағири равғандиҳанда барои хоҷагии халқ, хусусиятҳои ботаникию биологии он ва натиҷаҳои асосии парвариши ин зироатро дар минтақаҳои гуногуни хориҷи кишвар ва ҷумҳурӣ нишон додааст.

Аз таҳлилҳои овардашуда маълум аст, ки зағири равғандиҳандаро ҳамчун маводи асосии ғизой, табобатӣ ва техникӣ дар ҳамаи минтақаҳои дунё парворишу ва истеҳсол менамоянд. Муҳаққиқон дар ин боб қайд менамоянд, ки парвариши зағири равғандиҳанда дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин ва нимтаъмин аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок буда, хароҷоти зиёдро талаб намекунад.

Дар боби 2 - юми диссертатсия, ки аз 5 зербоб иборат мебошад, довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., шароити хоку иқлими минтақаи тадқиқот, мавод ва методикаи иҷрои таҷрибаҳои саҳрой, таснифи

заминҳои лалмии ҷумҳурӣ ва навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи зағири равғандиҳанда ва нишондиҳандаҳои агрометеорологиро дарҷ намудааст ва барои гирифтани ҳосили бештар нақши боришоти атмосферӣ ниҳоят муҳим мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки миқдори боришот дар солҳои 2021 ба 305,2 мм; 2022 (600 мм); 2023 (339 мм) ва соли 2024 ба 656,7 мм баробар шудааст, ки ин барои гирифтани ҳосили баланду устувор нақши калидиро иҷро менамояд.

Таҷрибаҳои илмии саҳрой дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии "Зироаткор"-и Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор тайи солҳои 2021 - 2024 иҷро шудааст. Баландии ҷойгиршавии қитъаи таҷрибавӣ аз сатҳи баҳр 928 метр, боришоти миёнаи бисёрсола 500 – 600 мм.

Дар боби 3 - юми диссертатсия муаллифи тадқиқоти илмӣ Аҳмадов Д.Ш., натиҷаҳои асосии диссертатсияро инъикос намудааст ва он аз 5 зербоб: агротехникаи парвариши зағир, ташхиси кимиёвии хоки минтақа, таъсири нуриҳои маъданӣ ба инкишоф, ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ, ифлосшавии қитъаҳо ва ташаккулёбии ин зироат вобаста аз истифодабарии меъёрҳои гуногуни моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ иборат мебошад.

Дар натиҷаи корҳои илмӣ - тадқиқотӣ унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., илман асоснок намудааст, ки дар варианти истифодабарии $N_{60}P_{60}K_{45}$ кг/га вазни 1000 тухмии зағири навъи "Ҳисор – 10" ба 7,1 г ва "Ҳисор – 474" ба 6,1 г баробар шудааст. Бо ин технологияи парвариш вазни 1 растании зағири навъи "Ҳисор – 10" ба 5,5 г., тухмӣ 2,2 г., миқдори ғӯзача 37 адад, шумораи миёнаи тухмӣ дар ғӯзача 10 адад ва миқдори тухмбӣ 370 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ (бе нурӣ) ва дигар вариантҳои омӯзишӣ бартарӣ дорад. Ҳангоми истифодабарии нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{60}P_{60}K_{45}$ кг/га дар аввали давраи нашъунамои зағири навъи "Ҳисор – 10" миқдори алафҳои бегона дар 1м^2 - 49 ададро ташкил додааст ва пеш аз ҷамъоварии ҳосил ба 18 адад баробар шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., муқаррар намудааст, ки истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{60}P_{60}K_{45}$ кг/га дарозии решаи зағири навъи "Ҳисор – 10" пас аз 10 шабонарӯзи сабзиши майсаҳо ба 20,1 см, пас аз 25 шабонарӯзи сабзиши майсаҳо ба 45,3 см, дар давраи гулкунӣ 92,5 см, пайдошавии ғӯзачаҳо 138,1 см ва дар давраи пеш аз пухтарасии тухмӣ ба 155,2 см баробар шудааст, ки ин нисбати варианти назоратӣ (бе нурӣ) бештар аст ва афзоиши шабонарӯзии он 1,72 см - ро

ташкил додааст. Ҳосили бештари тухмии зағири навъи "Ҳисор – 10" (12 с/га) ва навъи "Ҳисор 474" (9,4 с/га) дар мавриди истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{60}P_{60}K_{45}$ кг/га ба даст оварда шудааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ (бе нурӣ) мутаносибан 5,1 сентнер ё 42,5 % ва 3,4 сентнер ё 36,2% зиёд ба даст оварда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар ин боб қайд менамояд, ки истеҳсоли нисбатан зиёди равғани растании зағири навъи "Ҳисор – 10" (481 кг/га) ва навъи "Ҳисор – 474" (377 кг/га) дар варианти истифодаи $N_{60}P_{60}K_{45}$ ҳосил шудааст, ки ин нисбати варианти назоратӣ (бе нурӣ) мутаносибан 205 ва 139 кг зиёд аст. Дар байни вариантҳои омӯзишӣ, миқдори зиёди кунҷора низ аз навъи зағири "Ҳисор – 10" дар ҳолати истифодаи $N_{60}P_{60}K_{45}$ кг/га (722 кг/га) ва навъи "Ҳисор 474" (534 кг/га) ҳосил шудааст, ки ин нисбати варианти назоратӣ (бе нурӣ) мутаносибан 308 ва 209 кг зиёд мебошад.

Дар боби 4 - уми диссертатсия таҳлили самараи иқтисодии парвариши зағир инъикос ёфтааст. Дар натиҷаи тадқиқот довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., муайян намудааст, ки зағири навъи "Ҳисор – 10" аз истифодабарии 60 кг нурии нитрогенӣ, 60 кг фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар 1 гектар бо ҳосилнокии 12 сентнер тухмӣ фоидаи соф ба 6514 сомонӣ, арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 457 сомонӣ ва даромаднокӣ ба 121 фоиз баробар шудааст, ки ин нисбати варианти бе нурӣ (назоратӣ) 24 фоиз зиёд аст. Аз истифодабарии нурии нитрогенӣ 60 кг ва фосфорӣ 60 кг дар 1 гектар бо ҳосилнокии 10,8 сентнер тухмӣ фоидаи соф 5984 сомонӣ, арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 416 сомонӣ ва даромаднокӣ 114 фоизро ташкил додааст.

Дар натиҷаи таҷрибаҳо довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., ба исбот расонидааст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии зағири навъи "Ҳисор – 474" нисбати навъи "Ҳисор – 10" паст гаштааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин аз ҷиҳати ҳосилнокии тухмӣ бартарӣ дорад. Муайян карда шуд, ки аз истифодабарии нурии нитрогенӣ 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар бо ҳосилнокии 9,7 сентнер тухмӣ аз зағири навъи "Ҳисор – 474" фоидаи соф 4514 сомонӣ, даромаднокӣ 86 фоиз ва арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 566 сомониро ташкил додааст, ки ин нисбати дигар вариантҳои таҷриба бартарӣ дорад.

Дар боби 5 – уми диссертатсия баррасии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудааст. Таҷрибаҳои илмии саҳроии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини

минтақаи Ҳисор амалӣ гашта, ғизодиҳии нуриҳои маъдании фосфорӣ ва калийгӣ дар тирамоҳ пеш аз коркарди асосии хок ва нитрогенӣ дар давраи нашъунамои зағир истифода бурда шудааст. Бартарии ин усули агротехникӣ аз муқаррарӣ дар он аст, ки нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ дар марҳалаҳои гуногун дода мешаванд ва ниҳолҳои растанӣ ин моддаҳои ғизоиро дар тамоми давраҳои лозима мунтазам истифода мебаранд.

Тадқиқот дар доираи "Барномаи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030" аз 30.06.2021, №263 ва "Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025" аз 30.04. 2021, №171 иҷро шудааст.

Хулоса аз 8 банд иборат буда, натиҷаҳои тадқиқотро ба пурраги инъикос ва ҷамъбаст менамояд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Дар натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., барои заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор технологияҳои инноватсионии парвариши зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 474" ва "Ҳисор – 10" ба исбот расонидааст.

Ӯ илман асоснок намудааст, ки истифодабарии 60 кг нитроген, 60 кг фосфор ва 45 кг калий дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирбахш бо тарзи кишти камбари байниқатории 15 см гирифтани то 12 сентнер ҳосили дон, 480 кг равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд ва кунҷораи серғизои он барои рушди соҳаи чорводорӣ аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Натиҷаи кори тадқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ соли 2025 дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии "Зироаткор" - и Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор дар майдони 2 гектар татбиқ карда шудааст. Санади натиҷаи тадқиқот дар замимаи диссертатсия оварда шудааст.

Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаи корҳои тадқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., дар 9 маводҳои интишорӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастури илмӣ дар доираи мавзӯъ, 5 фишурдаи мақолаҳо дар маводҳои

конференсияҳои илмиву назариявии ҷумҳуриявӣ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дарбар мегиранд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Барасмиятдарории диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолати баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар баъзе бобҳои диссертатсия калимаҳои нуриҳои минералӣ ва дар қисмҳои дигар нуриҳои маъданӣ нишон дода шудааст. Кадоми ин маҳфум дуруст мебошад.

2. Дар диссертатсия ҳангоми таҳлили адабиётҳо иқтибосҳо аз олимони ватанӣ ва дастовардҳои онҳо оид ба ин соҳа кам оварда шудааст.

3. Натиҷаҳои ҷадвали 3.1., 3.7 дар саҳифаҳои 65, 66, 73, 85, 93 хело хуб нишон дода шудааст, аммо баъзеи онҳо бе муҳокима ҷамъбаст гардидааст.

4. Маълумотҳои ҷадвали 3.1.2 саҳифаи 87 дар болои ҷадвали 3.1.1., саҳифаи 86 оварда шудааст.

5. Ҷадвалҳои 3.4., 3.7., 3.1.1., 3.2.2 саҳифаҳои 69,73, 85, 107 муҳокимаи пурраро талаб менамояд.

6. Дар саҳифаҳои 5, 16, 23, 24, 26, 27, 28, 29, 40, 118 диссертатсия як калима ғалат навишта шудааст кудряш. Хуб мешуд, ки ба ҷойи кудряш, кудраш нишон дода шавад.

7. Ҳангоми таҳлили диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмӯ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи «Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи

бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои кишоварзӣ,
дотсенти кафедраи биологияи
умумии Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хисрав Рустамов Ш. Р.

Суроға: 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, ноҳияи
Қушониён, кӯчаи Ганҷина, хонаи 32
Email: shukhrat.rustamov.85@bk.ru
Тел: (+992)938177222;

Имзои Ш.Р. Рустамов - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

Сурогаи муассиса: 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
E-mail: bgu-1978@ mail.ru
Тел: (8322) 2-54-81, (8322)2-22-53

10 сентябри соли 2026